Тақризи

мукаррризи расмии дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ ба рисолаи илмии Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ

Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар сарсухани рисола сараввал таваҷҷуҳи касро ба худ ҷалб менамояд ва шахс ба андеша меравад, ки чаро мавзуи “Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” ба риштаи таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муҳимии мавзуи рисолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст муродифоти иборaву ҷумлаҳои сода ва қолибҳои наздикмаънои имкониятдоштаи онҳо дар забон дар асоси сарчашмаи як асари бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, инчунин дар шоҳасарҳои халқӣ ба мисли “Чор дарвеш” тамоми зебоию нафосати воҳидҳои забон ба монанди ибора ва ҷумла барои саҳеҳу равшан, пурра ва дақиқу хушоҳанг ифода кардани сухан мувофиқат менамоянд, яъне асари мазкур зарурият фароҳам меоварад, ки муродифоти ибораҳои мухталиф ва имконоти услубии онҳо рӯйи кор оварда шавад.

Бинобар он ки муродифоти ибораю ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” мавзуи ҳаллу фасл нашуда дар забоншиносии тоҷик ба шумор меравад ва ҳадафи таҳқиқ интихоб шудани мавзуъ ба ин ҷанба асос меёбад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки муаллифи рисола доир ба масъалаи ҳаммаъноии грамматикӣ дар забоншиносии рус ва тоҷик таваққуф намуда, хулосаи шахсиашро баён мекунад ва чунин иброз менамояд. Бо вуҷуди мавҷуд будани як қатор таҳқиқот муродифоти ибора ва ҷумлаҳои содаи насри классикии тоҷик мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор нагирифтааст.

Марбути масоили таҳқиқ бо барномаву мавзуоти таҳқиқи илмӣ бояд ёдрас кард, ки алоқаи ногусастанӣ ба чашм мерасад, зеро ки хулосаю натиҷаи пажуҳиши мазкур дар такмилу таҳияи барномаҳои тадрисӣ мушоҳида карда метавонем.

Мақсаду мароми таҳқиқи мавзуъ рӯйи кор овардани зарурияти ҳаммаъношавии хелҳои гуногуни ибора ва ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи “Чор дарвеш”, муайян кардани хусусиятҳои муродифоти ибора, шартҳои ҷойивазкунии онҳо дар матнҳои муайян ва

дар як вақт аниқ намудани умумияту фарқияти дар як қолаби наҳвӣ аз ҳамдигар ба шумор меравад, аз ҷониби муаллиф, инчунин вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, маъхазҳои таҳқиқ ба тозагиҳои илмии таҳқиқ хеле мӯшикофона дар асоси мисолҳои мушаххас ба миқдори 444 ибораву ҷумла бо қолибҳои ивазшаванда мавриди натиҷагирӣ қарор гирифтаанд, ки зарурияти услубии онҳо собит гардидааст, ки далели онро дар фаслҳои рисола ошкор карда шудаанд.

Ҷолибияти рисола дар қисми "Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешбаригардида" дар чор банд инъикоси худро ёфтааст, ки ҳар яки он андешаҳо баҳри мазмуну муҳтавои рисолаи илмӣ саҳми арзанда доранд, аз ҷумла муродифоти ибораҳои исмии изофӣ тавассути алоқаҳои ҳамроҳӣ, вобастагии пешояндиву пасояндӣ ва баръакс, ки фарогирии имконоти фикрро васеъ мегардонад, дар "Чор дарвеш" хеле зиёданд, ки аз тарафи муҳаққиқ ба қалам дода шудааст, дигар ин ки ҷумлаҳои содаи асар низ муносибатҳои мухтилифи маъноиро дар қолибҳои гуногун дар худ инъикос кардаанд: навъҳои коммуникативии ҷумлаҳои сода:муродифшавии ҷумлаҳои содаи тасдиқию инкорӣ: ифодаи маънои инкор дар "Чор дарвеш": ҳаммаъноии қолибҳои аслӣ ва ҳосила; муродифоти хелҳои ҷумлаҳои сода аз диди таркиб ба монанди инҳо, ки сифату самаранокию ғановати рисоларо дар назари хонанда инъикос менамоянд. Дигар аз самти рисолаи мазкур дар он аст, ки мавсуф доир ба аҳамияти назариявии таҳқиқ фикр ронда таъкид менамояд, ки омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масоили муносибатҳои маъноию грамматикӣ дар ибораву ҷумла, раванди рушди минбаъдаи наҳви забони тоҷикӣ аҳаммияти назарраси назариявиро дорост. Инчунин дар бораи муҳиммияти амалии таҳқиқ дар рисола чунин андешаронӣ ба чашм мерасад, яъне он дар таълими дарсҳои амалии асосҳои маданияти нутқу услубшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар фаъолияти устодони каломи бадеъ, кормандони матбуот, радио, телевизион, тарҷумонҳо, курсҳои махсуси муродифоти грамматикӣ дар факултетҳои филология ва журналистикаи муассисаҳои олии касбӣ ёрии амалии худро расонида метавонанд. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки мазмуну муҳтавои рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дар асоси мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар "Чор дарвеш" бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01- Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад. Дар хусуси саҳми муаллиф дар ҷодаи таҳқиқи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар ҳамаи ҷараёни таҳқиқ ҷустуҷӯҳои хешро оид ба

ҷамъоварии маъхазҳои амалию илмӣ, инчунин дар омӯзиши адабиёти илмию назариявӣ ва дар ҳамаи самтҳои рисола фаъолияти навоварона зоҳир кардааст. Оид ба натиҷаҳои таҳқиқ бояд гуфт, ки он дар конфренсияҳои забоншиносие, ки ДДМ, ва ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ гузаронида шудаанд, инчунин мазмуну муҳтавои рисола қисман дар нашрияҳои феҳристи КОАФР ва ҶТ ба қайд гирифта шуда аз чоп баромадааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, номгӯи адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ марбути рисоларо фарогир буда дар умум 175 саҳифаи чопи компутериро дар бар мегирад.

Бобои аввали рисола таҳти унвони “Масоили назариявии муродифоти ибора ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносӣ” ном гирифтааст, ки аз чор фасл иборат аст.

Қисмати аввали боби якум “Матолиби муқаддамотӣ” номгузорӣ шудааст, ки масоили назариявии омӯзиши муродифоти ибораҳо ва ҷумлаҳои содаро дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боби якум “Баррасии муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии тоҷик” унвон гирифтааст. Зикр гардидааст, ки дар хусуси ибора ва ҷумлаҳои сода олимони забоншиноси тоҷик андешаронӣ кардаанд, аз ҷумла асару мақолаҳои Д.Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Х. Ҳусейнов, С. Аслиддинов, Н. Ф. Исматуллоев, А. Мирзоев, Б. Камолиддинов ва дигарон дар созмонёбиву таҳқиқи масъалаҳои наҳвшиносии забони тоҷикӣ саҳми арзишманд доранд. Дар илми забоншиносии тоҷик чӣ хеле ки ба ҳамагон маълум аст, оид ба масъалаи мазкур фикру мулоҳизаҳои мухталиф мавҷуд буданд, дар шакли мақолаву рисолаҳои алоҳида андешаҳои ҷолиби илмӣ рӯйи кор омадааст, ки таҳқиқи онҳо дар ин фасл ҷараён гирифта, муаллиф аз андешаҳои дар асару мақола баёншуда дар ҳар боби рисола корбаст намудааст, ки он ҳамчун заминаи назарӣ ёрӣ расонидааст.

Фасли сеюми боби якуми рисола “Таҳқиқи муродифоти наҳвӣ дар забоншиносии рус ном дошта, дар хусуси таҳқиқи мавзуи ибораву ҷумлаҳои сода аз ҷониби як гурӯҳ забоншиносони рус ба монанди М.Пешковский, А. Н.Гвоздев, И.И. Ковтунов, В.П.Сухотин, Г.А. Золотова ва амсоли онҳо равшанӣ андохта шудааст.

Фасли чоруми боби якуми рисола “Таҳқиқи ибора, ҷумла ва муродифшавии онҳо дар асари шевашиносӣ” номгузорӣ шудааст, ки дар ин қисмат доир ба таҳқиқ ва назари олимони лаҳҷашинос маълумот дода шудааст. Аз ҷумла Р. Ғаффоров, М. Маҳадов, Е.Молчанова В.С.

Растаргуева, Д.И. Эделман ва ғайраҳо ки баъзе қолибҳои наҳвии шеваҳои забони тоҷикиро дар мақолаҳои хеш ба табъ расонидаанд, аз тарафи муаллифи рисола мавриди корбаст қарор гирифтааст.

Аз мутолиаи боби дуюм, такя аз баррасии осори илмӣ; ба чунин андеша омадан мункин аст, ки дар забоншиносии муосир масоили назариявии муродифоти наҳвӣ, аз ҷумла: меъёрҳои муайян намудани муродифоти синтаксисӣ, мувофиқати сохторию маъноии онҳо, муродифоти ибораҳои исмии изофӣ, беизофат (ҳамроҳӣ) ва пешояндӣ, муродифҳои навъи сохторӣ ва амалии ҷумлаҳои содаи забони адабии тоҷик, қонунияти созмонёбии ин хели муродифот аз тарафи муҳаққиқон исботи худро ёфтааст, дар таҳқиқи рисолаи номбурда чун сарчашмаи муҳим маҳсуб меёбад, зикр гардидааст.

Бобои дуюми рисолаи илмӣ: “Қолибҳои ибораҳои илмии изофии ҳаммаъно дар “Чор дарвеш” унвон гирифтааст, ки фарогири чор фасл мебошад.

Фасли якуми боби дуюм “Муродифоти қолибҳои ибораҳои исмӣ, изофӣ” номгузорӣ шудааст, ки масоили муродифоти ибораҳои исмии изофӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ибораҳои изофӣ, ба навъи ибораҳое шомил мегардад, ки дар забони тоҷикӣ мавқеи устуворро дорост ва хеле серистеъмол ба ҳисоб меравад, инчунин дар “Чор дарвеш” мавқеи ба худ хосро ишғол менамояд, ки дар рисола бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки дар муқоиса назар ба ҳиссаҳои дигари нутқ исм дар сохтани ибораҳои изофӣ сермаҳсул мебошад, инчунин баҳри тасдиқи фикри хеш ибораҳои исмии изофиро дар “Чор дарвеш” вобаста ба мансубияти ҷузъи асосиву тобеъ ба ҳиссаҳои нутқ тафриқабандӣ (гурӯҳбандӣ) гардидааст.

Вақти мутолиаи рисола ба чашм расид, ки муаллиф ибораҳои исмии изофии асари мазкурро ки чунин ҳиссаҳои нутқро ба мисли исм, сифат, шумора, ҷонишин, сифати феълӣ ва зарф ба шумор меравад ба тариқи мисол қолиби онҳоро рӯшанӣ андозад:

Мисол: ибораҳои исмии изофи қолиби “исм+ бандаки изофӣ + исм” талаби кӯгнор, ҷойи гузаргоҳ (с.45), марди тоҷир (с. 85,87,95), димоғи ёрон (с.90), амри подшоҳ (с. 103), ҷойи амн (с.130), марди мизбон (с. 145, 2). Дар ибораҳои номбурда исмҳои шахс: тоҷир, ёрон, мизбон модианд ва амн маънист, гарчанде ки мансубияти сарфии ҷузъҳои тобеи ибораҳо ба як гурӯҳи лексикию грамматикӣ (исм) ҳастанд, лекин на ҳамаи онҳо якранг таъвиз, яъне шарҳ намеёбанд.

1. таби кӯгнор (с. 39) – талаби кӯгнор кардан //кӯгнор талаб кардан: исм + и + исм

2. ҷойи гузаргоҳе (с. 45)- гузаргоҳ ҷое // ҷое, ки гузаргоҳ аст; исм+и+исм

3. марди тоҷир (с. 85, 87, 95)-тоҷир мард //марде, ки тоҷир аст// бо тиҷорат машғул аст:

4. димоғи ёрон (с.90)- ёронро димоғ;

5. амри подшоҳ (с.103)-подшоҳро амр//амре, ки подшоҳ додааст;

6. ҷойи амн (с.130)-амн ҷой //ҷое, ки амн аст;

7. марди мизбон (с.145, 2)-мизбон мард, марде, ки мизбон аст.

Муаллифи рисола тавонистааст, ки тавассути ибораҳои боло хусусиятҳои ибораҳоро аз ҷиҳати алоқаи изофӣ, ҳамроҳӣ ва вобастагӣ шарҳ дода, муносибатҳои семантикию грамматикии байни ҷузъҳо, бо бандаки изофиву тартиби калима ифода ёфтаанд, далелнок ифода намуда, инчунин созмонёбии онҳоро рӯшанӣ андохтаанд.

Фасли дуюми боби дуюм "Муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора" номида шудааст. Дар рисола таъкид шудааст, ки муродифоти ибораҳои изофӣ бо ибораҳои вобастагӣ; пешояндиву пасояндиву ҳамроҳӣ ва баръакс ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Ибораҳои исмии "Чор дарвеш" вобаста ба хелҳои алоқа бо чунин қолибҳои ибораҳо муносибати муродифӣ пайдо карда метавонанд:

- муродифоти ибораҳои изофӣ бо ҳамроҳӣ;
- ҳаммаъноии ибораҳои изофӣ бо вобастагии пасоянду пешоянд;
- муродифоти ибораҳои ҳамроҳӣ бо изофӣ;
- ҳаммаъноии ибораҳои вобастагии пасояндӣ бо изофӣ;
- ҳаммаъноии ибораҳои вобастагии пешояндӣ бо изофӣ;

Қолабҳои боло дар рисола ба тафсил баён шудаанд.

Муродифоти ибораҳои изофӣ бо ҳамроҳӣ. Муносибати мазкур дар байни 336 ибораи изофии қолиби "исм + сифат" ба назар мерасад. Аз маводи ба дастоварда аён гардидааст, ки 64-тои онҳо мазмунро ҳамчун дар қолаби ҷумлаи пайрави муайянкунанда ифода шудаанд. Мавриди зикр аст, ки 6-то ин ибораҳо на танҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ, балки вобастагии пешояндӣ низ шакл гирифтаанд. Агар ҷузъи тобеашон сифати нисбӣ бошад:

Аз ҷумла, **кулоҳи намадӣ** // кулоҳи аз намад омода шуда // кулоҳе, ки аз намад омода шудааст: Аммо либоси кухна ва **кулоҳи намадии** вай ҳеҷ дигар нашуд (с.40).

Ҳаммаъноии ибораҳои изофӣ бо вобастагии пасояндию пешояндӣ. Дар ин навъи ибораҳо вақти таъвизи ибораҳои изофии ин гурӯҳ воситаи

грамматикии алоқаи байни муайяншаванда ва муайянкунанда ҳам тағйир меёбад, яъне изофат ба пасоянду пасояндҳо.

Ҷузъи асосӣ ва тобеи ин гурӯҳро инчунин як миқдор таркибҳои рехтаи ҷуфт созмон медиҳад. Мисол: **тоҷу тахти ту** (с.11)-**туро тоҷу тахт, молу мулки ту (с.11)-туро молу мулк.**

Ҳайф, сад ҳайф, фарзанде, ки **тоҷу тахти туро** соҳиб ва ҷонишин бошад, нодорӣ ва ин ҳама молу мулки ту ба душман мегузарад (с.11).

**Ҳаммаъноии ибораҳои изофӣ бо вобастагии пешояндӣ.**

Дар ин намуди ибораҳои изофӣ, баъзе қолибҳои он танҳо бо ибораҳои вобастагии пешояндӣ ҳаммаъно мегарданд. Дар созмонёбии онҳо пешояндҳои аслии **аз, ба** ҷой доранд:азми шикор(с.48)-ба шикор азм кардан, муждаи васл(с.34)-аз васл мужда. Ман бо шунидани **муждаи васл** он ҳодисаро фаромӯш кардам ва бо завқи тамом аз пайи ғулом равон шудам(с.34).

**Муродифоти ибораҳои ҳамроҳӣ бо изофӣ.**

Ҷузъи асосии ибораҳои ҳамроҳӣ дар асар хусусияти муродифшавиро соҳибанд, исм буда, шумора, ҷонишин ва сифатро ба худ тобеъ менамояд. а) “исм+сифат”: **пуроб чашм**(с.38)-чашми пуроб, дигар исмҳо(с.164)-исмҳои дигар: Дар як суфа аз замин то ба сақфи он китобҳои илми ҳакимӣ, табиӣ, риёзӣ ва **дигар илмҳо** бо хатти арабӣ, юнонӣ, сурёнӣ ва ҳиндӣ чида шуда буд(с. 164). б) “исм+ҷонишин”: ҳар хел матоъ(с.26)-матои ҳархела. в) “исм+шумора”: як табақ таом(с.24,90)-табақи таом:...корат ба ҷое расид, ки барои **як табақ таом** ариза додӣ(с.24).

Ҳаммаъноии ибораҳои вобастагии пасояндӣ бо изофӣ. Дар ин хели ибораҳо муносибати муродифӣ ба воситаи алоқа байни ҷузъҳо пасоянди аслии-**ро** ба шумор рафта, дар аксар маврид ба объекти бевосита ишора мекунад: **ҷавонро маскан**(с.151)маскани ҷавон: Он ҷавонро маскан (маскани он ҷавон) куҷост?(с.151).

Ҳаммаъноии ибораҳои вобастагии пешояндӣ бо изофӣ: **хокаш монанди сурма сиёҳ**(с.128)-хоки сурмавор сиёҳ//хоке ки сурма барин сиёҳ аст: ногоҳ ба там расидам, ки **хокаш монанди сурма сиёҳ** буд(с.128). “Чор дарвеш” намунаи беҳтарини насри классикии тоҷик маҳсуб ёфта, ҳамчун мавод бештар ибораҳои сода мавқеи устувор доранд ва ганҷинаи имконоти наҳвӣ мавқеъ дорад. Инчунин дар рисола аз ҷониби муаллиф муродифоти ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ ва ҷонишинӣ таҳлили ҳаматарафа ба қалам дода шудааст.

**Фасли чоруми боби дуюми** рисола таҳти унвони “Муродифоти ибора бо калимаҳои мураккаб ва баръакс номгузорӣ гардидааст. Таваҷҷуҳи муаллиф дар ин фасл ба он нукта нигаронида шудааст, ки дар заминаи

калимаҳои мураккаб ва тавассути онҳо ибораҳо ва воҳидҳои фразеологӣ ба амал омадаанду ва бо асоси бунёдии худ муносибати ҳамманой-муродифӣ доранд. Мавсуф ёдовар мешавад, ки омили аз ибораҳо ба миён омадани калимаҳои мураккаб, якум, ниёзи одамон ба нияти сарфаи қудрату имконият ва мувофиқу осон мавриди корбаст қарор додани воҳидҳои забон маҳсуб меёбад. Ҳадаф аз ин фасл ба риштаи таҳқиқ кашидани калимаҳои мураккаби аз ибораҳои номӣ ба амаломада, муносибати муродифии байни онҳо мебошад.

Ҳангоми мутолиаи рисола кас шоҳиди он мегардад, ки дар "Чор дарвеш" теъдоди зиёди калимаҳои мураккаб ба назар мерасад, ки аз ҳиссаҳои мухталифи нутқ дар қолибҳои гуногун сохта шудаанд, ки дар 14 қолиби калимасозӣ шакл гирифтаанд, ки ба тариқи зайланд: аз исм+исм (152 вожа); моҳҷабин (с.20) // маҳҷабин (с.23); сарвқад (с.25,170); хуршедрӯ (с.25,73); исм+сифат (25 вожа), мӯйсафед (с.11.49.94), дилреш (с.14); побараҳна (с.86); ришсафед (с.148), исм+ сифати феълӣ(42 вожа), фалакзада (с.14,90,107,185), сарпӯшида (с.26,27), ғамзада (с.37) исм+феъл (194 вожа); меҳрандӯз (с.10), дилпазир (с.12), молдор (с.18), исм+феъли ҳол (16 вожа): оҳкашон (с.71), додгӯён (с.86), тирандозикунон (с.111), сифат+исм: (94 вожа): куҳналибос (с.16), баландахтар (с.20), хушсимо (с. 33), сифат+феъл: (12 вожа): навпарид (с.26), хушхон (с.28), хушнавоз (с.33) баднамо (с.85), зарф+исм (15 вожа): пешхизмат (с.33), камҳиммат, зарф+феъл (6 вожа), дурбин (с.21), тезпар (с.8), сифати феълӣ+исм ( 5 вожа), шикастаҳол (с.170), хастахотир (с.13), шумора+исм (8 вожа): чоряк (с.149), дукала (с.176), шумора+нумератив (29 вожа): панҷсадтуманӣ (с.57), якдона (с.64,133), ҷонишин+феъл (2 вожа): худдорӣ (с.42,54,190), худкушӣ (с.166), феъл+исм (1 вожа): хостакорӣ (с.53,147,148).

Бояд ёдовар шуд, муаллифи рисола тавонистааст, ки исбот намояд, ки вожаҳои мазкур аз хелҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, дар вақти ба калимаҳои мураккаб баргаштанашон хусусияти номинативӣ пайдо мекунанд, лекин бавоситаи пасвандҳо алоқаманд гардида, наввожаҳо созанд. Ба мисли найрангбозӣ (с.137.), оббозӣ (с.163,165), корсозӣ (с.16, 189, 190).

Ба муаллифи рисола Иброимова Гуландом Наимоваро муяссар гардидааст, ки дар "Чор дарвеш" 11 қолиби калимаҳои мураккаби фразеологиро дарёфт намудааст, ки аз рӯйи нисбат ба ҳиссаҳои нутқ ба гурӯҳҳои мухталифи лексикию грамматикӣ тааллуқ доранд.

Аз ҷумла:

1. "исм+исм"(1вожа):сангдил(будан) (с.20,21,52,111,169,190).

2. “исм+сифат”(14 вожа): дилреш (шудан) (с.14), дилхуш (шудан) (с.78), дилором (будан) (с.30, 114).
3. “исм+феъл” (73 вожа): дилнавоз (с.23), дилдор (с. 29,46,62,189), гулӯгир (с. 68,176).
4. “исм+феъли ҳол” (7 вожа): оҳкашон(с.41), фармондеҳон (с. 122, 173).
5. “исм+сифати феълӣ” (16 вожа): хотирозурда//озурдахотир(118), бахтбаргашта (с.73), дилаздастдода (с.72), меҳнаткашида (с. 171).
6. “исм+зарф” (1 вожа): дилпурӣ (с. 166).
7. “сифат+исм” (16 вожа):хушрӯ (с.41), хушбахт (с. 100), бедордил (с. 45).
8. “сифат+сифат” (1 вожа): сиҳат-саломат (с.88).
9. “зарф+исм”: камбахтӣ (с. 142).
10. “сифатифеълӣ+исм” (3 вожа): хастахотир (с.13), шикастаҳол (с. 170).
11. “ҷонишин+феъл” (2 вожа): худдорӣ (с.42,54,190).

Аз қолиби дар боло зикргардида дар натиҷаи фурӯгузории ҷузъҳои ВФ баъзе калимаҳо ҳосил шудаанд.

Аз ҷумла:

1. “Исм+феъл”: ҷигарсӯз (с.10), дилнавоз (с.23), домангир (с.23), хабаркаш (с.61)
2. “Исм+сифат”: дилреш (с.14), хотирҷамъ (с.22,33,78),
3. “Исм+сифати феълӣ”: бахтбаргашта (с.73), дилсӯхта (с.45,153,189).
4. “Сифат+сифат”: сиҳат-саломат (с.88).
5. “Ҷонишин+феъл”: худдорӣ(с.42,54,190), худкушӣ (с.166).

Ин суханҳоро шунида дилам сӯхт... (дилсӯхта) (с.49)

Аз ин сухан хотири парешони ман осудатар шуд. (с.45) (хотирамон калимаи мураккаб)

Хулоса, дар рисола дар заминаи “Чор дарвеш” на танҳо муродифоти наҳвӣ, балки муродифоти сатҳи гуногун ибораҳои озоди наҳвӣ ва калимаҳои мураккабу ВФ ва вожаҳои дар асоси маводи онҳо бавуҷудомада ошкор гардидааст.

Боби сеюми рисола (диссертатсия) “Муродифоти ҷумлаҳои сода дар “Чор дарвеш” номгузорӣ шуда аз се фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур сухан дар бораи муносибати муродифии қолибҳои гуногуни ҷумлаҳои сода ва таҳқиқи он мавриди баррасӣ қарор гирифта аст.

Фасли якуми бобои сеюм “Муродифоти хелҳои комуникативии ҷумлаҳои сода” ном дорад, ки дар он таҳти ду зерфасл муродифоти ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ ва ифодаи маънои инкор дар заминаи “Чор дарвеш” таҳқиқ гардидааст.

1. Муродифоти ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ

Дар забони тоҷикӣ ифодаи тасдиқи амал бо роҳу усулҳои мухталиф баён мегардад. Ҳадафи мазкур аз як тараф тавассути шаклу воситаҳои грамматикӣ сурат гирад, аз ҷониби дигар бо масъалаи ҳаммаънoӣ алоқаманд аст. Мавқеи ҳиссачаи саволии оё ҳамчун як тарзи ифодаи он ба ҳисоб меравад. Ҳиссачаи мазкур камистеъмол бошад ҳам дар "Чор дарвеш" дар аввали ҷумлаҳои саволии аслӣ бештар ба назар мерасад, аз ин рӯ як воситаи қувватдиҳандаи пурсиш аст, ки хоси адабиёти классикӣ буда, айни замон чунин усули саволгузорӣ корбаст намегардад, зеро ки бидуни он ҳиссача ҳам марому мақсадро пурсидан мумкин аст:

Оё боиси ғамат чист? (с.12)

Ҷонишини манфии ҳеҷ, ки маънои умумии инкорӣ дорад, дар мисолҳои зерин бо ҳиссачаи саволии **оё** ҳаммаъно шудааст.

- Ҳеҷ медонӣ, ки либоси тайёр ва муносиби мо дар куҷост?
- Ҳеҷ медонӣ, ки либоси тайёр ва муносиби мо дар куҷост? // оё медонӣ...;

2. Ифодаи маънои инкор дар "Чор дарвеш"

Маънои тасдиқу инкор бо ҳамдигар робитаи ҷудонашаванда дошта, яке акси дигар аст, чунки инкори мавҷудияти ашё тасдиқи набудани он мебошад.

Муҳақиқ сараввал фикри забоншинос М. Норматовро дар бораи ифодаи инкор дар "Забони адабии муосири тоҷик" (синтаксис) ёдовар мешавад, ки дар он омадааст: инкорро ба умумӣ ва ҷузъӣ, хосса ва ғайрихосса тақсим карда шудааст. Дар зери мафҳуми инкори умумӣ он фаҳмида мешавад, ки ба тамоми ҷумла дахл дорад, аз ин рӯ, хабар дар шакли инкор меояд. Бо гурӯҳи инкории хосса ҷумлаҳое тааллуқ доранд, ки табиатан маънои инкор доранд.

Аз ҷумла, дар "Чор дарвеш": - Э ҷоҳил! Ҷойи истодан ва маҳалли сухан кардан нест(с.73)

Ба гурӯҳи ҷумлаҳои инкории ғайрихосса ҷумлаҳое мутааллиқ аст, ки аз ҷумлаҳои тасдиқӣ бо ёрии воситаҳои мухталифи грамматикӣ созмон ёфтаанд. Мисол: ...подшоҳ ва сипоҳ бар ман тоб наоваранд(с.78)

Сифат ва ё сифати феълии пешванди инкоридошта ба вазифаи хабар ояд, он гоҳ ҷумлаи инкорӣ ҳосил мешавад: Мо аз ин воқеаҳо бехабар...; Шумо чӣ касонед, ки аз ҳукми подшоҳ бехабаред?(с.80). Муаллиф зикр менамояд, ки дар асар ҷумлаҳое вомехӯранд, ки дар онҳо гӯянда ба худ ҳамчун шахси дуюми танҳо муроҷиат менамояд ва хабари ҷумлаҳои содаи мазкур таркибии номӣ ба шумор рафта, тасдиқу инкори иҷрои амалро ифода мекунанд:... рӯйи осудагиро надидӣ // осуда набудӣ // осудагӣ насибат нашуд ва дами обе ба фароғат наошомидӣ.(с.11).

Дар рисола мавқеи пурсишҷонишинҳо (зарфҷонишинҳо)-и чӣ, куҷо, кай, кадом, чаро, чӣ тавр мавқеи махсус дорад.

Мисолҳо: - Бо ин хурдсолӣ ӯ масхарабозиро чӣ медонад? (с.40)// -Бо ин хурдсолӣ ӯ масхарабозиро намедонад. Куҷо ақл бовар мекунад, ки касе бо ин захм ҷонбар шавад. (с.112) // (вариант) Ақл бовар намекунад, ки... Кас бовар намекунад, ки... // Бовари кас намеояд, ки...// Ақли кас намегирад, ки...

Фасли дуюми боби сеюм "Муродифоти қолибҳои аслӣ ва ҳосила" унвон гирифтааст. Мақсади мавсуф дар ин қисми кор гуфтанист, ки дар "Чор дарвеш" ҷумлаҳое дучор омаданд, ки дар қолибҳои мухталифи наҳвӣ ба як маъно далолат мекунанд. Мисол: Ман рухсат додам, ки дароянд.(с.16). Ҷ арроҳ он моҳро рухсати ҳаммом дод (с.23). Дар ҷ умлаҳои мазкури баробарҳуқуқи ҳар ду қолиб як феъли умум ӣ -рухсат додан корбаст гардидааст. Дар ҳолати ҷумлаҳоро дар қолаби ҳамдигар таъвиз карда шавад, мазмун пурра баён мегардад: Ман рухсати даромадан додам; Ҷ арроҳ рухсат дод, ки он моҳ ҳаммом кунад.

Таъвизи ҷумлаи дуюм ошкор сохтааст, ки ифодаи осонбаён мебошад. Феъли рухсат додан дар ҳар ду ҳолат ҳам дар мавқеи худ (хабари ҷумла) тағйирнаёбанда ба шумор меравад. Хулоса дар қолаби ҷ умлаҳои мураккаби тобеъ ифода гардидани мазмуни ҷумлаи сода дар рисола ба чашм мерасад.

**Фасли сеюми боби сеюм.** "Муродифоти хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати таркиб" номида шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки таваҷҷуҳи муаллифи корро ҷумлаҳои сода аз ҷ иҳати таркибу сохт ба яктаркибаю дутаркиба ва таснифи онҳо ба худ ҷалб кардааст. Ҳар ин ҳолат иштироки аъзоҳои ҷумла ба эътибор гирифта мешавад. Ба риштаи таҳқиқ кашидани муродифоти ҷумлаҳои содаро дар ҷ умлаҳои содаи дутаркибаву хелҳои ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълӣ ҳадафи худ қарор додааст.

Таваҷҷуҳ менамоем:

1. Ҷонишин вазифаи мубтадо ва муайянкунандаро иҷро мекунад:

- Маликаи ҷаҳон. Гуноҳи банда беш аз он аст, ки Шумо мегӯед. Аммо аз марҳамати Шумо умеди авф ҳаст.

Дар вақте ки қиблагоҳиям ба хизмати Шумо рафтанд, ба хотирам расид...(с.79)

2. Шахси дуюми ҷамъ ба воситаи бандаки феълии **ед** ифода ёфтааст. Ба мушоҳида мерасад, ки баъзан ҷонишини Шумо дар таркибҳои пешояндӣ ба вазифаи пуркунандаи бавосита ширкат меварзад:

- Агар хизмате бошад, фармоед(с. 26);-Бародар, боз хизмате дошта бошӣ, бифармо!(с. 27).

Вақти мутолиа аён гардид, ки дар "Чор дарвеш" ҷумлаҳои яктаркибае, ки хабарашон ба шахси якуму дуюми танҳою ҷамъро ифода мекунанд ва

мундариҷаи онҳоро дар қолиби ҷумлаҳои содаи дутаркиба баён кардан мумкин аст, шоҳид шудем.

- Аз гуфтаву ваъдаат ҳамин қадар зуд мегардӣ(с.25)//Ту аз гуфтаву ваъдаат ҳамин қадар зуд мегардӣ; Се рӯзи дигар ҳол бо сӯз ба сар бурдам.(с.16)//Ман се рӯзи дигар ҳам бо сӯз ба сар бурдам. Таҳлили мисолҳо собит сохтанд, ки дар гузашта низ ба мавзуи дар қолибҳои мухталиф нишон додани марому мақсад диққату эътибор дода шудааст.

**Муродифоти ҷумлаҳои содаи таркиба**

Аз ҷониби муаллифи рисола муродифшавии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи умумишахс, бешахс, муайяншахс ва ғайра дар асоси мисолҳои зиёди мушаххас такя ба маводи "Чор дарвеш" ҳаматарафа рӯйи кор оварда шудааст. Муродифоти ҷумлаҳои содаи яктаркибаи умумишахс:

Аммо наозмударо натавон сарварӣ дод(с..179)//Ба ноозмуда сарварӣ намедиҳанд//Ноозмуда сарвариро нашояд.

Муродифоти ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бешахс:

Маро сари гуфтугӯ ва ҷавоб набуд(с.162)//Сари гуфтугӯ ва маҷол надоштам//Ман сари гуфтугӯ ва ҷавоб надоштам.

Муродифоти ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахси масдарӣ:

...аз ҷиҳати берухсат аз хонаи ӯ рафтанам бахшоиш пурсидам(с.32);...ба тайёр карданаш амр кардам(с.39).

Ба муаллифи рисола Иброимова Гуландом Наимовна муяссар гардидааст, ки бо таҳқиқи мӯшикофонаю ҷустуҷӯву эҷодкорӣ ва истифода аз сарчашмаҳои илмию назариявии олимони хориҷи кишвар ва ватанӣ дар асоси заминаи шоҳасари халқӣ "Чор дарвеш" хулосаҳои амиқи илмию амалии ҷадидро бо диди нав пешбарӣ намоянд ба ин васила илми забоншиносии тоҷикро дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар "Чор дарвеш" рушду нумуъ бахшанд, ки он дар 17 банд натиҷабардорӣ гардидааст, ки ба фасли бобҳои рисола ба таври мукаммал ҷавобгӯ мебошанд.

Иброимова Гуландом Наимовна дар заминаи таҳқиқи илмию назариявии худ чунин тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иброз менамояд, ки дар 4 нукта мавриди корбасти онро таъкид намудааст, ки онҳо ба талаботи замони муосир ва таълиму тарбияи насли созандаву бунёдкор мусоидат менамояд, инчунин баҳри тафаккури зеҳнию дар руҳи забондонию забондӯстӣ ва садоқат ба забони модарӣ доштан саҳми мондагорро дорост.

Шиносоӣ бо кори илмии Иброимова Г.Н. шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқотӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, заҳмати корҳои илмӣ ба талабот мусоидат менамояд ва аз рӯйи нишондод бо мақолаву дастовардҳои илмию назариявӣ дар шакли маърӯза дар ҳамоишҳои байналмилалӣ, ҷ

умҳуриявӣ ва расонаҳои ахбори умум, инчунин маҷалла бо тақризҳо мусбат рӯйи чопро дидааст.

Хулоса, иборaву ҷумлаҳои рисола бо мисолҳо асоснок буда, баҳри таҳқиқи маводҳо бо усулҳои хосса иншо шудаанд, ки барои аниқу равшан шудани ҳадафи муаллиф хизмат кардааст, инчунин аз маҳорати малакаи ибораориву ҷумласозӣ ва аз захираҳои бойи луғавию фразеологӣ ва грамматикиву ғановати забони зебои тоҷикӣ, ҳамчун яке аз забонҳои шухратёри ҷаҳонӣ мужда медиҳад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки мазмуну муҳтавои рисола ба пуррагӣ дар фишурдаи кор ва мақолаҳои илмии муаллиф ба миқдори зарурӣ дар маҷ аллаи ВАК-и федератсияи Руссия чоп шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ ёдовар шуд, ки рисолаи илмию таҳқиқотии Иброимова Г.Н. дар мавзуи "Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар асоси маводи "Чор дарвеш" хотимаёфта маҳсуб меёбад ва дар рушду нумуи забоншиносии тоҷик аз ҷумла дар омӯзишу азбарнамоии наҳвшиносии забони адабии ҳозираи тоҷик комилан мусоидат менамояд.

Баробари муваффақиятҳои дар боло зикр гардида, инчунин баҳри рушду нумую пурмазмуну пурмуҳтаво гардидани кор баъзе андешаҳои ҷузъии хешро иброз менамоем.

1. Гарчанде ки иборaву ҷумлаҳои сода мавзуи наҳв ба шумор равад ҳам, аммо чанд сухан дар бораи умумияту фарқияти он ҳарф зад, ҳол он ки мавқеи ибораҳои номӣ дар ҷумлаҳои сода ҳадафи асосии рисола аст.
2. Азбаски "Чор дарвеш" хазинаи пурқимати забони адабии классикии сода ба шумор меравад, бо вуҷуди он хонанда бо вожаҳое дучор мешавад, ки зарурияти луғат ба миён меояд, бинобар он пешниҳод кардани баъзе луғатҳо аз аҳамият холӣ нест. Мисол: **амна**. оромӣ, осоиш, осудагӣ, амният.
3. Агар дар калимаи муродифот-пасванди **от** –ҷамъбандии арабист, ба ҷойи он ҷамъбандии тоҷикии **ҳо**-ро истифода кардан ба андешаи мо беҳтар мешуд ё ки ҳардуро мавриди корбаст қарор дода шавад.
4. Дар рисола чунин ифода ба чашм мерасад, ки дар "Чор дарвеш" 11 қолиби калимаҳои мураккаби фразеологӣ мушоҳида гардид, ки аз рӯйи мансубияти ҳиссаи нутқ ба гурӯҳҳои мухталифи лексикию грамматикӣ мутааллиқанд(с.96), аммо дар (с.97) чунин ифода ба назар мерасад. Аз қолиби зикргардида баъзе калимаҳо дар натиҷаи фурӯгузории ҷузъҳои ВФ ҳосил шудаанд. Масалан дар "исм+сифат, исм+феъл, исм+сифати феълӣ, сифат+сифат такрори мисолҳо дида мешавад, оё онҳо дар ифода якрангאнд?(с.96,97,98) лекин дар матн ба тағйирот дучор шудааст.
5. Ғалатҳои техникӣ низ ба чашм расиданд.

6. Азбаски баъзе вожаҳои “Чор дарвеш” барои хонандаи имрӯза душворӣ меорад вобастаи мавзуъ луғати мухтасар тартиб додан аз аҳамият холӣ нест.

Кор ба пуррагӣ ба охир расидааст ва ба рисолаи илмӣ сазовори ҳимоя аст.

Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи забон ва
адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии
таълимии коллеҷи омӯзгории
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
Муассисаи давлатии таълимии
коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон
Ғафуров Пӯлотова З.М.

Суроға: шаҳри Хуҷанд Репин, 60
Муассисаи давлатии таълимии
коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон
Тел: (83422) 53844; 921113344:
E-mail:kenjazoda78@bk.ru

“--11--” --05-- соли 2023

6. Азбаски баъзе вожаҳои “Чор дарвеш” барои хонандаи имрӯза душворӣ меорад вобастаи мавзуъ луғати мухтасар тартиб додан аз аҳамият холӣ нест.

Кор ба пуррагӣ ба охир расидааст ва ба рисолаи илмӣ сазовори ҳимоя аст.

Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи забон ва
адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии
таълимии коллеҷи омӯзгории
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
Муассисаи давлатии таълимии
коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон
Ғафуров Пӯлотова З.М.

Суроға: шаҳри Хуҷанд Репин, 60
Муассисаи давлатии таълимии
коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон
Тел: (83422) 53844; 921113344:
E-mail:kenjazoda78@bk.ru

“--11------” --05---------- соли 2023